«Тасдиқ мекунам»
Ректори МТҒ «Донишкадаи тиббӣ-иҷтимоии Тоҷикистон»
__________ Ибодзода З.Ҳ.
аз «01» ____ соли 2023 № 4

# НИЗОМНОМАИ ШУЪБАИ ТАЙЁР НАМУДАНИ КАДРҲОИ ИЛМИИ МТҒ «ДОНИШКАДАИ ТИББӢ-ИҶТИМОИИ ТОҶИКИСТОН»

## 1. Муқаррароти умумӣ

1.1. Шуъбаи тайёр намудани кадрҳои илмии МТҒ «Донишкадаи тиббӣ-иҷтимоии Тоҷикистон» (минбаъд шуъба) ҷузъи сохтори МТҒ «Донишкадаи тиббӣ-иҷтимоии Тоҷикистон» буда, мақсади асосии он ташкил, таъмин намудани шароити зарурии омодасозӣ, ҳамоҳангсозӣ, назорат ва амалисозии чорабиниҳо оид ба тайёр кардани кормандони илмии дараҷаи олӣ дар доираи аспирантура, докторантура, доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисос, доктори илм, доктори ҳабилитат ва унвонҷӯӣ дар МТҒ «Донишкадаи тиббӣ-иҷтимоии Тоҷикистон» мувофиқи талаботҳои амалкунандаи ҷорӣ, таҳия карда шудааст.

1.2. Шуъбаи мазкур фаъолияти худро дар ҳайати Раёсати илм ва инноватсияи МТҒ «Донишкадаи тиббӣ-иҷтимоии Тоҷикистон» дар асоси санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии амалкунандаи ҷорӣ, қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25.02 соли 2017, №93 “Стандартҳои давлатии докторантура аз рӯйи ихтисос”, Низомномаи докторантура аз рӯйи ихтисос” аз 25.02 соли 2017 (№93), Низомномаи Шурои диссертатсионии КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26.06 соли 2023, №295 “Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон” аз 30.06 соли 2021, №267) ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Вазорати илм ва таҳсилоти олии Федератсияи Россия, фармоишҳои Вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, фармоишҳои Вазири тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарорҳои ҳайати мушовараи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарорҳои ҳайати мушовараи Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Оинномаи МТҒ «Донишкадаи тиббӣ-иҷтимоии Тоҷикистон», қарорҳои Шурои олимони МТҒ «Донишкадаи тиббӣ-иҷтимоии Тоҷикистон»,

фармоиш ва супоришҳои ректори МТҒ «Донишкадаи тиббӣ-иҷтимоии Тоҷикистон», нақша чорабиниҳои аз тарафи роҳбарияти донишкада ба тавсиб расида ва дигар талаботҳои амалкунандаи ҷорӣ ба роҳ мемонад.

1.3. Тартибу шартҳои тайёр кардани кормандони илмии тахассуси олӣ дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи фаъолияти илмӣ ва сиёсати давлатӣ оид ба илму техника" (18.03 соли 2015, № 1197) ва санадҳои қонунгузории дигари Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ карда мешаванд.

## 2. Мақсад ва самтҳои асосии фаъолияти шуъба

2.1. Ҳамоҳангсозӣ, назорат ва амалисозии чорабиниҳо оид ба омодакунии кадрҳои дорои дараҷаи илмӣ дар донишкада тибқи талаботҳои амалкунандаи ҷорӣ.

2.2. Афзун намудани натиҷабахшии барномаҳои мақсадноки илмию техникӣ дар донишкада.

2.3. Коркарди ҳуҷҷатҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва методӣ оид ба масъалаҳои омодасозии кадрҳои илмии дараҷаи олии тахассусӣ.

2.4. Ҳамоҳангсозии фаъолияти кафедраҳо дар ташкили раванди таълим докторант аз рӯйи ихтисос (PhD) ва магистратура.

2.5. Ташкил ва ба роҳ мондани қабул ба магистратура, докторант аз рӯйи ихтисос (PhD), назорату иҷрои нақшаҳои фардии докторантҳо аз рӯйи ихтисос, аспирантҳо ва унвонҷӯён.

2.6. Мониторинг ва таҳлили ҳуҷҷатҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ доир ба масъалаи тайёр кардани кадрҳои илмӣ ва илмӣ-педагогии дараҷаи тахассусиашон олӣ.

2.7. Ба расмият даровардан ва назорати коргузории парвандаҳои шахсии докторант аз рӯйи ихтисос (PhD ва унвонҷӯёни дараҷаи илмӣ).

2.8. Гузаронидани машваратҳо ва таҳияи тавсияҳо доир ба рушди тайёр намудани кадрҳои илмии дараҷаи тахассусиашон олӣ.

2.9. Таъминоти иттилоотии раванди тайёр кардани кадрҳои илмии дараҷаи тахассусиашон олӣ.

2.10. Ташкил ва назорати гузаронидани аттестатсияи доктороні фалсафа (PhD), докторант аз рӯйи ихтисос ва унвонҷӯёни дараҷаи илмӣ.

2.11. Ташкили коргузорӣ, баҳисобгирӣ ва таҳияи ҳисобот (тайёр кардани ҳисоботи омории шаклашон муайяншуда, ҳисоботи солона ва бастаи маводҳои иттилоотӣ дар бораи фаъолияти шуъба ва ғайра).

2.12. Тахияи маълумотномахое, ки мақоми доктор аз рӯйи ихтисоси (PhD) ва унвонҷӯён, инчунин шаҳодатномаи супоридани имтиҳонҳои минимумро тасдиқ менамоянд.

2.13. Баргузории чорабиниҳо оид ба такмили ҷараёни омодасозии докторант аз рӯйи ихтисос (PhD) ва унвонҷӯён дар якҷоягӣ бо Шурои олимони донишкада.

## 3. Вазифаҳои асосии шуъба

3.1. Банақшагирӣ, ташкил, ҳамоҳангсозӣ, назорат ва амалисозии чорабиниҳо оид ба омодакунии кадрҳои илмии дараҷаи олӣ дар донишкада мувофиқи талаботҳои амалкунандаи ҷорӣ.

3.2. Бо мақсади иҷрои вазифаҳои мазкур, шуъба масъалаҳои зеринро ҳал мекунад:

3.2.1. Коркард ва таъмини фаъолияти ташкилӣ-методӣ ва меъёрӣ-ҳуқуқии зерсохторҳои донишкада оид ба масъалаҳои омодакунии кадрҳои илмии дараҷаи олӣ дар низоми баъдидипломии таҳсилоти касбӣ.

3.2.2. Таҳияи нақшаи қабул ва хатми докторантура аз рӯйи ихтисос (PhD), аспирантура, магистратура ва назорати иҷроиши онҳо.

3.2.3. Фароҳам овардани шароити мусоид баҳри корҳои илмӣ-таҳқиқотии докторант аз рӯйи ихтисос (PhD), аспирантон, унвонҷӯён ва магистрантон, таъмин бо иттилоот ва ташкили чорабиниҳои илмӣ-амалӣ дар донишкада ва хориҷи кишвар.

3.2.4. Гузаронидани экспертизаи аввалияи рисолаҳои илмии диссертатсионӣ, докторант аз руйи ихтисос (PhD), аспирантон ва унвонҷӯён.

3.2.5. Назорати иҷрои нақшаҳои инфиродии докторант аз рӯйи ихтисос (PhD), аспирантон, унвонҷӯён ва магистрантон.

3.2.6. Гузаронидани имтиҳонҳои минимуми номзадӣ барои доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисос, аспирантон ва унвонҷӯён.

3.2.7. Таъмини корҳои бақайдгирӣ, нигоҳ доштан ва ҳуҷҷатгузории парвандаҳои шахсӣ ва дигар ҳуҷҷатҳои доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисос, аспирантон, унвонҷӯён ва магистрантон.

3.2.8. Ҳамкорӣ бо дигар зерсохторҳои донишкада ва шуроҳои диссертатсионӣ бо мақсади баланд бардоштани самаранокии омодасозии кадрҳои илмӣ.

## 4. Сохтор ва ташкили шуъба

4.1. Сардори шуъба роҳбарии бевоситаи шуъбаро ба ӯҳда дорад, ки ӯ бо пешниҳоди муовини ректори донишкада оид ба илм ва инноватсия ба вазифа таъйин ва озод карда мешавад.

4.2. **Вазифаҳои сардори шуъба**

4.2.1. Таъмини корҳои ташкили ва иҷрои вазифаҳои Низомномаи мазкур ва ҳуҷҷатҳои ташкилӣ-маъмурии донишкада.

4.2.2. Назорати риояи қоидаҳои тартиботи дохилии шуъба, ҳифзи меҳнат, техникаи бехатарӣ ва бехатарӣ аз сӯхтор.

## 5. Ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳои шуъба

5.1. Иштирок дар ҷаласаҳои ба масъалаҳои ба салоҳияти шуъба тааллуқ дошта.

5.2. Доир намудани ҷаласаҳои машваратии мутахассисони шуъба.

5.3. Манзур намудани дархосту пешниҳодҳо доир ба масъалаи тағйир додани сохтор ва воҳидҳои кории шуъба.

5.4. Мувофиқаткунонӣ ва имзо гузоштан ба лоиҳаи ҳуҷҷатҳо аз номи шуъба.

5.5. Аз сохторҳои зертобеъи донишкада талаб намудани маводҳо ва иттилоотҳои зарурӣ.

5.6. Иҷрои супоришҳои дигари ба салоҳияти шуъба дохил буда.

5.7. Ҳуқуқ ва масъулияти кормандони шуъба бо дастурҳои хизматӣ муқаррар карда мешавад.

## 6. Масъулияти сардори шуъба

6.1. Ба талабот мувофиқ будани таҳия ва ба амал баровардани чорабиниҳои мушаххаси фаъолияти шуъба дар доираи вазифа ва ӯҳдадориҳои ба он вобаста буда, пурра, босифат ва сари вақт иҷро намудани фармоишу дастурҳои роҳбарияти донишкада, ба вазифаву ӯҳдадориҳои асосии шуъба вобаста буда.

6.2. Пурра, сари вақт ва тибқи талабот пешниҳод намудани ахборот.

6.3. Ба анҷом расонидани тартиботи кории шуъба дар асоси санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ.

6.4. Ташкили оқилонаи меҳнат, ҷобаҷогузорӣ ва истифодаи кормандони шуъба мувофиқи тахассус ва дараҷаи кордонии онҳо.

## 7. Ҳамкорӣ бо дигар зерсохторҳои донишкада

7.1. Бо мақсади баланд бардоштани самаранокии кадрҳои илмӣ, бо дигар зерсохторҳои донишкада ва шуроҳои диссертатсионӣ аз ҷумла бо Раёсати илм ва инноватсия, шуъбаи кор бо ҷавонон, шуъбаи ҳамкориҳои байналмилалӣ, дуруст ба роҳ мондани ҳамкорӣ.

## 8. Муқаррароти хотимавӣ

8.1.Низомномаи мазкур аз лаҳзаи аз ҷониби ректори донишкада ба тавсиб расидани он, мавриди амал қарор гирифта ба он дар ҳолатҳои зарурӣ бо тартиби муқарраргардида тағйиру иловаҳои зарурӣ ворид карда мешавад.

Низомнома дар Шурои олимони донишкада «__»___соли 2023 (протоколи №___) баррасӣ гардида, ҷонибдорӣ карда шудааст.